# ТАВЗЕҲНОМА
## ба лоиҳаи Дастурамали №__ "Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ"

Лоиҳаи Дастурамали №_ "Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ" бо мақсади баҳодиҳӣ, маҳдудсозӣ ва дуруст муайян кардани хавфҳо бо назардошти шакл ва ҳаҷми истифодаи усулҳои назорати хавфҳо ва амалиёт барои бонкҳо, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, бонкҳои исломӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурди исломӣ (минбаъд – ташкилотҳои қарзии молиявӣ таҳия гардида, талабот ба онҳоро доир ба мавҷудияти низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ, ки онро Бонки миллии Тоҷикистон ҳатмӣ мешуморад, муқаррар менамояд, таҳия шудааст.

Заминаи меъёрии ҳуқуқии Дастурамали мазкур аз қисми 5 моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" бар меояд.

Боиси қайд аст, ки қаблан тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз "31" марти соли 2017 №20 вобаста ба низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзӣ Дастурамали №181 "Дар бораи талабот ба низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилоти қарзӣ" қабул гардида буд. Бинобар сабаби мукаммалгардонии дастурамал ба таҷрибаи муосир ва қонунгузории ҷумҳурӣ, инчунин татбиқи талаботи он ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла барои бонкҳои исломӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурди исломӣ эҳтиёҷ барои иваз намудани он ба миён омадааст.

Вобаста ба иваз намудани Дастурамали №181 инчунин қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз "16" майи соли 2019 №48 оид ба Роҳнамо "Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзӣ" қабул гардида буд, ки он хусусияти тавсиявӣ дошта, на ҳамаи муқарраротиі он аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар фаъолияташон ба инобат гирифта мешуд.

Бинобар ин, лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодгардида дар намуди такмилдодашуда барои идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ, ки яке аз масъалаҳои муҳим дар амалисозии фаъолияти бонкӣ ба шумор рафта, қабули он ба мақсадҳои танзим ва назорати бонкӣ зарур мебошад.

Мақсади Дастурамал муайян намудани талабот нисбат ба ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилоти қарзии молиявӣ мебошад, ки он амалигардонии назорати самаранокии фаъолияти ташкилоти қарзии молиявӣ ва вазъи молиявии онро аз тарафи Шӯрои нозирон, Раёсати ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла тавассути иҷрои вазифаҳои зерин таъмин менамояд:

- амалияи мувофиқи идоракунии корпоративӣ ва сатҳи баланди рафтор ва фарҳанги касбӣ;
- риояи талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақоми ваколатдор аз тарафи ташкилоти қарзии молиявӣ ва кормандони он;
- риояи сиёсат ва санадҳои дохилии дигари ташкилоти қарзии молиявӣ аз тарафи ташкилоти қарзии молиявӣ ва кормандони он;
- идоракунии самараноки хавфҳои ташкилоти қарзии молиявӣ ба воситаи ошкоркунӣ, андозагирӣ, назорат ва мониторинги саривақти онҳо бо мақсади таъмин кардани мувофиқати сармояи ташкилоти қарзии молиявӣ ба сатҳи ҷоизи хавфҳо;
- саривақт муайян ва бартараф кардани камбудиҳо дар фаъолияти ташкилоти қарзии молиявӣ ва кормандони он;
- таъсиси механизми мусоид барои бартараф намудани ҳолатҳои ногаҳонӣ ва фавқулода дар ташкилоти қарзии молиявӣ.

Лоиҳаи Дастурамал бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва таклифу пешниҳодҳои коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд таҳия шуда, асосҳо ва қоидаҳои ташкили фаъолияти низоми идоракунии хавфҳо ва низоми назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, талабот нисбат ба назорати фаъолияти низомҳои зикршударо муайян менамояд.

Қабули Дастурамали мазкур аз буҷети давлат маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Қабул гардидани қарори мазкур, боиси пешравии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти ташкили самаранокии

идоракунии хавфҳо, низоми назорати дохилӣ ва идоракунии корпоративӣ буда, баҳогузории риояи қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқукии Бонки миллии Тоҷикистон, таъмини субот, бехатарӣ ва муассирии низоми бонкӣ, ҳавасмандӣ барои шаффофият, афзоиши дастрасӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ ва кафолати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони ин хизматрасониҳо, таъмини фазои рақобатпазирӣ ва пешбурди фарогирии молиявӣ амалӣ мегардад, хавфҳои ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ таҳдид кунандаро коҳиш медиҳад.

Раис

Холиқзода Ҳ.Ҳ.